«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ,
профессор ____________ Убайдулло Н.К.
аз «30» ____сентябр____ соли 2022

**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ба диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (ихтисосҳои 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ)**

Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом соли 2000 Донишгоҳи давлатии Кӯлобро (рӯзона) бо дипломи аъло, соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро (ғоибона) хатм кардааст. Ихтисос: муаррих, муаллими фанни таъриху ҷамъиятшиносӣ, ҳуқуқшинос, унвонҷӯи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи милили илмҳои Тоҷикистон. Сафарзода Ғ.Ғ. аз феврали соли 2022 вазифаи сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлонро ба ӯҳда дорад.

Роҳбари илмӣ - директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, доктори илмҳои таърих, професор Убайдулло Насрулло Каримзода.

Ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ Сафарзода Ғ.Ғ., нусхаи интишороти илмии довталаб вобаста ба мавзӯи диссертатсия барои баррасӣ ба Шӯрои олимони Институт пешниҳод шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» аввалин таҳқиқоти муфассал оид ба

ин масъала ба шумор меравад. Мавзӯъ аз ҷониби диссертант бо фарогирии ҷиҳатҳои гуногунаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти таҳқиқот.** Мактабу маориф яке аз ниҳодҳои хеле муҳим ва муассири иҷтимоии ҷомеаи имрӯз буда, дар шароити муосир ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Зеро тарбияи инсони солимандешаю ватандӯст, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи матлуб маҳз ба соҳаи маориф бастагӣ дорад. Аз тарафи дигар, мактабу маориф дар дунёи мутамаддин ҳамчун омили асосии баланд бардоштани сармояи инсонӣ эътироф шуда, зимнан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ҷиҳати рушди ин навъи сармоя дар кишвар чунин дастур ироа карда буданд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд».

Аз ин рӯ, муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши раванди тараққиёти мактабу маориф аз дидгоҳи минтақавӣ пеш аз ҳама, аз аҳаммияти таърихии он равандҳое бармеояд, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи маориф ҷараён доранд, равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии муосир, албатта, ба мактабу маориф таъсири амиқ мерасонанд. Сониян, таҳлил ва ошкор намудани факту рақамҳои соҳаи маорифи минтақаи мавриди назар ба объективона тавзеҳ додани нақш ва рушди низоми таҳсилот дар сатҳи кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Аз тарафи дигар, имрӯз барои таҳлили ҳаматарафаи бурду бохти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар заминаи омӯхтани ҳуҷҷату асноди минтақавӣ, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб барои таҳқиқи таҷрибаи таърихии таҳия ва татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар ин самт

зарурат пайдо шудааст. Ҳамзамон, зарурати аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ кардани таҷрибаи таърихии таҳияи чораҳо дар самти модернизатсияи мактабу маориф, ки дар маҷмуъ ба рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ин минтақа мунҷар гардиданд, возеҳ аст. Чунки, барои шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши рушди низоми таҳсилот дар даврони истиқлолият, ошноӣ пайдо кардан ба мушкилоти мубрами соҳа, ҷамъбаст ва хулоса кардани таҷрибаи таърихии андӯхташудаи рушди маориф, ошкорнамоии тамоюлҳои асосии такмили мактабу маориф дар давраи эҳё ва барқарории давлатдории миллӣ, арафаи марҳилаи воридшавӣ ба рушди устувори иқтисодӣ аҳаммияти рӯзафзуни илмӣ касб мекунад.

**Дараҷаи омӯзиши таҳқиқот.** Рушди низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX - ибтидои асри XXI ба давроне рост меояд, ки ба таври назаррас аз маҷрои даҳсолаҳои гузашта фарқ мекунад. Аз ин рӯ, доираи олимоне, ки ба таҳқиқи амиқу ҳаматарафаи ин масъала сарукор доранд, ҳанӯз хеле маҳдуд аст. Бинобар ин, мо пеш аз ҳама, ба асарҳои илмии таърихнигорон дар сатҳи ҷумҳурӣ, ки хусусияти умумитаърихӣ ва ҷамъбастӣ доранд, истинод намудем. Масъалаи сиёсати давлатӣ дар самти ислоҳоти низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои навадуми асри гузашта дар навиштаҳои илмии файласуфон, таърихнигорон ва педагогҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба таври ҷомеъ рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳаввулоти куллии ҷомеаи кишвар мавриди баррасию таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон унсурҳои зерини кори илмӣ ҷанбаи навгонӣ доранд:

- таъсири ногувори даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маорифи минтақа муайян карда шудааст;

- хусусиятҳои умумӣ ва хоси рушди низоми мактабу маорифи минтақа мушаххас гардидаанд;

- рӯйдодҳо ва ҳаводиси таърихие, ки аз ягон мавқеъ бо рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб алоқамандանд, аз дидгоҳи интиқодӣ ва объективӣ арзёбӣ гардида, таъминоти кадрӣ, заминаҳои моддӣ-техникӣ ва маблағгузории муассисаҳои таълимии минтақа дар солҳои ислоҳоти низоми маориф таҳлил карда шудаанд;

- тадқиқоти мазкур халои ҷойдоштаро дар тадқиқи илмии таърихи рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ва замони истиқлолият пурра мегардонад.

- дар рисола раванди мукаммали ислоҳоти низоми таҳсилоти умумӣ ҳаматарафа баён гардида, таҳлили назариявии самтҳои асосии сиёсати давлатии соҳа ва татбиқи амалии он дар минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** анҷомшуда дар он аст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба таърихи навтарини халқи тоҷик ва таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар минтақа, ки салоҳиятҳои идоракуниро дар соҳаи маориф ва кормандони педагогӣ ба ухда доранд, метавонанд, ки натиҷаҳои ҳамин тадқиқотро ба инобат гиранд. Маводе, ки дар рисола ғунҷонида шудаанд, ҳангоми таҳияи монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба таърихи Тоҷикистон дар маҷмуъ ва алалхусус таърихи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб зарурӣ мегарданд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф ба таври ҷомеъ

рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи таҳаввулоти куллии ҷомеаи кишвар мавриди баррасию таҳлил қарор дода, дар баёни таърихи ин соҳа саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти марбути кори диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, иборат аз 3 ҷузъи чопӣ дар нашрияҳои гуногун, аз он ҷумла, 4 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

1. Сафарзода Ғ.Ғ. Роҷеъ ба вазъи мактаб ва маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 80-уми асри XXI / Ғ.Ғ. Сафарзода // Номаи донишгоҳ. – 2019. - №4(61). – С.165-170.

2. Сафарзода Ғ.Ғ. Роҷеъ ба ислоҳоти системаи маорифи минтақаи Кӯлоб қабл аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ / Ғ.Ғ. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – 2020. - №3/1(73). – С. 75-79.

3. Сафарзода Ғ.Ғ. Аз таърихи ислоҳоти системаи маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 90-и асри 20 / Ғ.Ғ. Сафарзода // Аз таърихи илмҳои риёзӣ, табиатшиносӣ ва техникӣ (Из истории математики, естествознания и техники). – Душанбе, 2020. – С. 104-115.

4. Сафарзода Ғ.Ғ. Аз таърихи рушд ва дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми маорифи минтақаи Кӯлоб / Ғ.Ғ. Сафарзода // Муаррих. – 2020. - №4(24). – С.165-170.

**Б. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд:**

5. Сафарзода Ғ.Ғ. Бахту барор аз ваҳдат аст / Ғ.Ғ. Сафарзода // Нашрияи Ҳаракати Ҷамъиятии Шӯрои ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. – 2020. - №2(02). – С.4.

6. Сафарзода Ғ.Ғ. Рушди маориф - дар меҳвари сиёсати Пешвои милат / Ғ.Ғ. Сафарзода // Нашрияи "Хатлон". – 2021. - №23 (3312). – С.2.

**Пешниҳоди диссертасия ба** Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035:

1. Диссертатсияи довталаб Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта, ба талаботи муқарраргардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ бо назардошти пешниҳоду тавсияҳои муқарризон барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърих аз руйи ихтисосҳои 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул шудааст (Суратҷаласаи № 7 аз 30-юми сентябри соли 2022).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар, аз ҷумла аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 8 нафар докторони илм.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «ҷонибдор» - 19 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона кабул карда шуд.

**Ҷонишини раиси Шӯрои олимони**
**Институт, доктори илмҳои таърих** Абдурашитов Ф.М.

**Котиби илмии Институт,**
**номзади илмҳои таърих** Маҳмудова М.М.

**Муқарризони холис:**
Директори Осорхонаи
миллии бостонии Тоҷикистон, д.и.т. Бобомуллоев С.Ғ.
Дотсенти кафедраи таърихи халқи
тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, н.и.т. Ганҷакова М.Г.

Имзоҳои Абдурашитов Ф.М., Маҳмудова М.М., Бобомуллоев С.Ғ. ва Ганҷакова М.Г. - ро тасдиқ мекунам:

**Нозири кадри Институт** Файзуллоева Г.Қ.

**Нишонӣ**:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
тел.: (99237) 221-37-42,
E-mail: itaijt51@mail.ru